# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни ҳуқуқ барои олимпиадаи
## ҷумҳуриявии фанании хонандагони
## муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

# ҲУҚУҚ

**1 Бо пешниҳоди кӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳои суди шаҳри Душанберо ба вазифа таъин мекунад?**

**A)** Раиси Суди Конститутсионӣ
**B)** Раиси Суди Олӣ
**C)** Раиси Суди Олии иқтисодӣ
**D)** Раиси суди ҳарбӣ

**2 Парламенти кадом давлат якпалатагӣ аст?**

**A)** Полша **B)** Амрико **C)** Австрия **D)** Британияи Кабир

**3 Ҳангоми дар ҳолати мастӣ ба кор баромадан корманд ба кадом намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешавад?**

**A)** маъмурӣ **B)** граждани **C)** интизомӣ **D)** ҷиноятӣ

**4 Шахсе, ки ҷиноятро бевосита содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст.**

**A)** ёрдамчӣ **B)** иҷрокунанда **C)** таҳриккунанда **D)** ташкилкунанда

**5 Кадом сарчашмаи ҳуқуқ соли 1395 қабул карда шудааст?**

**A)** Ҳақиқати Солидӣ
**B)** Ҳақиқати Рус
**C)** Буллои тиллоӣ
**D)** Хартияи бузурги озодӣ

**6 Нисбати ноболиғон кадом навъи ҷазо таъин карда намешавад?**

**A)** корҳои ислоҳӣ
**B)** корҳои ҳатмӣ
**C)** маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян
**D)** якумра аз озодӣ маҳрум сохтан

**7 Дар Англия кадом мутафаккир муносибати табиӣ ба ҳуқуқҳои инсонро ҷонибдорӣ кардааст?**

**A)** Спиноза **B)** Томас Гоббс **C)** Жан-Жак Руссо **D)** Томас Ҷеферсон

**8 Ҳуқуқи иҷтимоиро муайян намоед.**

**A)** ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ
**B)** ҳуқуқ ба манзил
**C)** ҳуқуқ ба таҳсил
**D)** ҳуқуқ ба истироҳат

**9 Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба кадом насли ҳуқуқҳои инсон мансуб аст?**

**A)** якум **B)** дуюм **C)** сеюм **D)** чорум

**10 Кадом давлат ба САҲА шомил нест?**

**A)** Канада **B)** Хитой **C)** Олмон **D)** Тоҷикистон

**11 Кадом принсип ба принсипҳои бунёдии КБСС мансуб нест?**

**A)** бетарафӣ **B)** ихтиёрӣ **C)** универсалӣ **D)** мутамарказият

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Кадом санади байналмилалӣ соли 1989 барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон қабул карда шудааст?**

A) Эъломияи Женевагии ҳуқуқҳои кӯдак
B) Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи кӯдак
C) Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакон
D) Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак

**13** **Санатсияи ақди никоҳ чӣ маънӣ дорад?**

A) ба расмият даровардани ақди никоҳ
B) қатъ гаштани ақди никоҳ
C) беэътибор донистани ақди никоҳ
D) эътиборнок донистани ақди никоҳ

**14** **Шаҳрванди 17-солаи Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намуд. Дар ҳолати аз ҷониби суд тибқи моддаи 28-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарӣ озод намудани ӯ парвандаи ноболиғон барои татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонӣ ба куҷо фиристода мешавад?**

A) прокуратура
B) милитсия
C) Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак
D) Мақомоти васоят ва парасторӣ

**15** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) ҷиноятҳои начандон вазнин
B) ҷиноятҳои дараҷаи миёна
C) ҷиноятҳои вазнин
D) ҷиноятҳои махсусан вазнин

1) Кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо зиёда аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст.
2) Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо маҳдуд кардани озодӣ пешбинӣ гардидааст.
3) Кирдорҳои қасдона содиркардае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида аз ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест.
4) Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест.
5) Кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**16** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** сохтакории хизматӣ | **1)** Шахси мансабдор хеши худро ба кор қабул намуд ва ҳамзамон салоҳияти ба он назорат карданро дорад. |
| **B)** ихтилофи манфиатҳо | **2)** Шахси мансабдор бо истифода аз мансаб бар хилофи манфиатҳои хизматӣ амал кард. |
| **C)** непотизм | **3)** Шахси мансабдор дидаю дониста ба асноди расмӣ маълумотҳои бардурӯғро дохил намуд. |
| **D)** суистифода аз ваколатҳои мансабӣ | **4)** Шахси мансабдор дар вақти интихоби мутахассис афзалиятро ба дӯсти худ дод, сарфи назар аз он ки ӯ ба ин кор лоиқ нест. |
| | **5)** Зиддият байни вазифаҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ ва манфиатҳои хусусии шахси мансабдори давлатӣ |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**17** **Муҳлати амали ваколатнома аз чанд сол зиёд буда наметавонад?**

**Ҷавоб:** ______________ **сол**

**18** **Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021" андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми чанд сомонӣ муқаррар карда шудааст?**

**Ҷавоб:** ______________ **сомонӣ**

**19** **Содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, чӣ ном дорад?**

**Ҷавоб:** ______________________________

**20** **Ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятнадоштае, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё шахси ҳуқуқӣ дар асоси пардохтҳои ихтиёрии молу мулкӣ таъсис гардида, мақсадҳои хайрия, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё мақсадҳои дигари умумии муфидро пеш гирифтааст, чӣ ном дорад?**

**Ҷавоб:** ______________________________

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**Истилоҳро муайян карда, дар банди мувофиқ нависед.**

| Шарҳ | Истилоҳ |
|---|---|
| Субъектҳои ин намуди шуури ҳуқуқӣ хатмкунандагони факултаи ҳуқуқшиносӣ буда, донишҳои ҳуқуқиро дар ҷараёни фаъолияти амалии худ истифода мекунанд. | |
| Ҳиссаи (қисми) ҷойҳои корие, ки ташкилот, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, барои бо кор таъмин кардани шахсе, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад, пешниҳод мекунад. | |
| Қароре, ки дар натиҷаи муҳокимаи ягон масъала дар ҷамъомади машваратии мақомот, маҷлис қабул карда шудааст. | |
| Бо мақсади сензура ё назорат дар почта ба таври махфӣ аз ҷониби мақомот ва ашхоси давлатӣ кушодан ва аз назар гузаронидани мукотибот | |
| Яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии инсон, ки озодии шахсият аз ҳама гуна назорати идеологӣ буда, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад. | |
| Боздошти маҷбурӣ ва ҷой кардан дар маҳбас | |
| Фаъолияти касбии ашхоси вазифаҳои давлатиро ишғолкарда оид ба таъмини иҷрои салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ | |
| Намунаи ҳуҷҷати муқарраргардидае, ки шахсияти соҳиби онро муайян месозад ва барои бо наклиёт аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ҳуқуқ медиҳад. | |
| Ҷойивазкунии ашхос ба ҷойи дигари аҳолинишин бе бозгашт ба ақиб | |
| Шахсоне, ки ба ҳайати неруҳои мусаллаҳи тарафҳои дар низоъбуда дохиланд. | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

**1. Ҷадвалро пур кунед:**

| Рухсатии бемузди меҳнат мувофиқи аризаи кормандони зерин ба кадом мухлат ба таври ҳатмӣ дода мешавад? | Ба муддати | Хол |
|---|---|---|
| Ба нафақахӯроне, ки кор мекунанд | | 2 хол |
| Ба падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи захм, контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи Ватан ва иҷрои вазифаи (мансаби) хизматӣ ба онҳо расидааст, ё дар натиҷаи бемории вобаста бо иштирокашон дар ҷанг ва муқовиматҳои сиёсӣ фавтидаанд | | 2 хол |
| Ба маъюбоне, ки кор мекунанд. | | 2 хол |
| Ба кормандон дар мавриди маросими бастани ақди никоҳ | | 2 хол |
| Ба кормандоне, ки шахси бемори аъзои оиларо мувофиқи хулосаи тиббӣ нигоҳубин мекунанд (бе додани варақаи корношоямии меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он) | | 2 хол |

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**2. Ҷадвалро пур кунед:**

| Узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад: | | |
|---|---|---|
| а) | | то 1,5 хол |
| б) | | то 1,5 хол |
| в) | | то 1,5 хол |
| г) | | то 1,5 хол |
| **Узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин наметавонад:** | | |
| ғ) | | то 2 хол |
| д) | | то 2 хол |

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10

**3. Функсияҳои андоз:**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | 2 хол |
| б) | | 2 хол |
| в) | | 2 хол |
| г) | | 2 хол |
| ғ) | | 2 хол |

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10 |
|---|---|

**4. Дар “Насиҳатнома”-и Тоҳир ибни Ҳусайн озодии ҳоким дар масоили идораи кишвар бо ӯҳдадориҳои муайян маҳдуд мегардад. Мувофиқи онҳо ҳоким бояд:**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | то 2,5 хол |
| б) | | то 2,5 хол |
| в) | | то 2,5 хол |
| г) | | то 2,5 хол |

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10 |
|---|---|

**5. Донишҳои мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, тибқи Тавсияҳои Шӯрои Аврупо, ба кадом категорияҳо ҷудо мешаванд?**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | то 2,5 хол |
| б) | | то 2,5 хол |
| в) | | то 2,5 хол |
| г) | | то 2,5 хол |

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10 |
|---|---|

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**6. Шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоиро тибқи моддаи 299 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар кунед.**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | то 2,5 хол |
| б) | | то 2,5 хол |
| в) | | то 2,5 хол |
| г) | | то 2,5 хол |

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10 |
|---|---|

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj